# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Қабл аз ҳама, бояд таъкид кард, ки марҳалаи кунунии рушди соҳаи маориф бо навсозиҳои назарраси мазмун ва методикаи таълим, ташаккули бозори хидматрасониҳои таълимӣ ва кӯшишҳо барои такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгор тавсиф карда мешавад. Мақсади тайер кардани омӯзгорон ташаккули мутахассиси баландихтисос бо дониши амиқи касбӣ, рақобатпазир дар бозори меҳнат мебошад. Омӯзгор як шахси боинтизом ва масъулиятшинос аст, ки дорои сатҳи баланди салоҳият ва малакаҳои пешрафта дар соҳаҳои марбута мебошад.

Мусаллам аст, ки ташаккули низоми такмили ихтисоси омӯзгорон бояд бо дарназардошти талабот ва вазифаҳои муассисаи мушаххаси таълимӣ, инчунин салоҳиятҳои касбии омӯзгорон сурат гирад ва самти тағйирпазирӣ ва бовусъат дошта бошад.

Стратегияи курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон аз ташаккули низоми мунтазам баланд бардоштани сатҳи дониш, малака ва малакаҳои касбӣ иборат аст, ки воситаи идоракунии мақсадноки рушди касбӣ, худтаълим ва рушди худии омӯзгорон дар тамоми давраи фаъолияти педагогӣ мебошад.

Хеле дуруст ва бомаврид муаллифи диссертатсия таъкид кардааст, ки ҳаракати педагогӣ на танҳо мутобиқшавии динамикӣ ба тағирот дар муҳити таълимӣ, балки хоҳиши фаъол барои фароҳам овардани фазои мусоид барои омӯзиш мебошад. Омӯзгоре, ки ин ҳаракатро дорад, пайвандгари байни занҷираҳои мухталифи таълимӣ мегардад ва ба рушди шахсияти хонандагон ва худи муҳити таълимӣ мусоидат мекунад. Асоси ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миенаи умумӣ бояд фарҳанги педагогӣ ва салоҳияти касбӣ бошад.

Бояд зикр намоем, ки баланд бардоштани сатҳи рушди ҳаракати касбии омӯзгорони мактабҳо пайванди муҳими низоми омодасозии онҳо мебошад. Азбаски ташаккули ин сифат имрӯз аҳамияти муайян дорад, метавон гуфт, ки барои ташаккули он заминаи мусбат вуҷуд дорад, зеро вазифаҳо ва намудҳои фаъолияти касбӣ якдигарро пурра мекунанд ва объектҳо ва соҳаҳои фаъолият дар лаҳзаҳои муайян бо ҳам мепайвандад ва натиҷаи мусбат медиҳад.

Амалия нишон медиҳад, ки такмили ихтисос дар мактаб барои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорон аҳамияти калон дорад. Бо такмили ихтисос дар дохили мактаб ва маҳорати омӯзгорон, омодагӣ ба аттестатсия тавассути худтаълим, кори иттиҳодияҳои методӣ дар мактабҳо ва минтақаҳо, иштирок дар конфронсҳо, комиссияҳои педагогӣ, шӯроҳо ва намоишгоҳҳои методӣ амалӣ карда мешавад. Омӯзгорони аттестатсияшуда одатан ҳисоботи эҷодиро ҳамчун шакли муайян кардани сатҳи маҳорати худ интихоб мекунанд.

Ҳамин тариқ, арзиши таҳқиқоти диссертатсионии Аминов М. дар он аст, ки дар ҷаҳони босуръат тағйирёбанда ва равандҳои вусъатёбандаи таълим аҳамияти ҳаракати касбии омӯзгорон ва такмили ихтисоси онҳо дар шароити муассисаи таълимӣ торафт мубрам мегардад.

Аз ин нуқтаи назар, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Аминов Муслиҳҳиддин хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ гардида, аз аҳамияти хуби назариявӣ ва амалӣ доштани таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ шаҳодат медиҳад.

Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳшгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 19.09.2024, №09).

Дар хулосаи шуъба шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷанбаҳои гуногуни имкониятҳои дидактикии такмили ихтисоси дохилимактабӣ ҷиҳати ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ ва баррасӣ қарор шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар фаъолияти иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва курсҳои дохилимактабии такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей ва гимназияҳо, ҳамчунин, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорон, дар таҳияи диссертатсия ва корҳои курсиву дипломӣ васеъ истифода бурд.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он аст, ки муассисаҳои тааҳсилоти умумӣ метавонанд барномаи омӯзишии такмили ихтисоси дохилимактабии «Ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», маҷмӯи маводҳои таълимию методӣ барои курси мазкур (барномаҳо, дастурҳои таълимӣ ва методӣ)-ро, ки ба рушди фаъолияти касбӣ дар мактабҳо нигаронида шудааст, барои ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ мавриди истифода қарор диҳанд.

3. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ” ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *банди 4* – «Назария ва консепсияҳои таълим» (консепсияҳои рушди таъминоти таълимӣ-тарбиявии раванди таълим ва воситаҳои таълим), *банди 6* – «Консепсияҳои таълим» (технологияи ташаккул ва рушди муҳити таълим; таҳсилоти муттасил; таҳсилоти калонсолон, равандҳои инноватсионӣ дар таълим), *банди 7* – «Педагогикаи амалӣ» (тағйироти низомӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор ва вазифаҳои он;) мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар Пажӯҳишгоҳи рушди

маориф ба номи Абдураҳони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гашта, дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ, дар курсу семинарҳои илмӣ-методӣ, мизҳои мудаввар васеъ баррасӣ гардида, ҳамзамон натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар шакли 4 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқарраароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилович тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Аминов Муслиҳиддин Фозилдинович дар мавзуи “Имкониятҳои дидактикии ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ” барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

2) **Ба сифати муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **ба сифати муқарризони расмӣ: -** Булбулов Ҷумъа - доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Хоруг ба номи М. Назаршоев ва Абдуназарзода Шоиста Абдуназар - номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи маорифи шаҳри Бохтари вилояти Хатлон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Иматзода Л.М.

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.

номзади илмҳои педагогӣ Туронов С.Ш.

16.01.2025

*"Имзои Л.М.Иматзода, М.Б. Каримзода ва С.Ш. Туроновро тасдиқ мекунам"*

Нозири кадрҳо ва
коргузории АТТ М. Саидова

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН • АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА • ШӮЪБАИ КАДРҲО • ОТДЕЛ КАДРОВ